«Тадсиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.
_______________
«27» ___11___ с. 2023

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович дар мавзӯи "Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт пешниҳод шудааст.**

**1.Мутобиқати диссертасия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи докторант (PhD) Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович дар мавзӯи "Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605-Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ба бандҳои 1.10.Таҳия ва рушди методҳо ва моделҳои математикии идоракунии хавфи иттилоотӣ; 2.11.Рушди методҳои иқтисодии таъмини бехатарии иттилоотӣ дар ситемаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқат мекунанд.

**2.Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар замони муосири инкишофёбии технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонии ҳама ҷабҳаҳои муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба таъминоти амнияти иттилоот аҳамияти махсусро тақозо менамояд. Дар ин замина таъмин ва таҳкими амнияти иттилоотӣ ба воситаи истифодабарии фишангҳои муайян дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ муносибати гуногунро талаб менамояд. Дар ин росто муайян намудани самаранокии воситаҳои инструменталии таъминоти амнияти иттилоот дар соҳаи маориф мавқеи хоса дорад. Инкишофи технологияҳои компютерии телекоммуникатсионӣ дар давраи муосир дар раванди таҳсилоти фосилавӣ ва таҳсилот дар давоми ҳаёт ифода ёфта, барои донишандӯзии муҳассилин тарзҳои гуногуни ба даст овардани дониши касбиро таъмин менамояд.

Ҷаҳонишавии муносибатҳои иҷтимой-иқтисодӣ ба соҳаи маориф низ таъсири худро расонида истодааст. Дар ин ҷода истифодабарии технологияҳои муосири компютерӣ ва дигар воситаҳои иттилоот дар низоми маориф раванди ногузир буда, омодагӣ ва мутобиқшавии соҳаи мазкурро ба тағйиротҳои босуръат дар назар дорад. Ташкили раванди таълим ба воситаи технологияҳои иттилоотӣ, маҳз дар низоми таҳсилоти фосилавӣ талаботи замон буда, аз ҳар як муассисаи таълимӣ истифодабарӣ ва таъминоти амнияти иттилоотиро талаб менамояд. Таҷрибаи татбиқи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбии мамлакат нишон медиҳад, ки то ҳол низоми таъминоти амнияти иттилоот бо истифода аз технологияҳои пешқадам беҳбудиро талаб менамояд. Оиди чунин вазъият Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон қайд намуда, зарурати фароҳам овардани шароитро барои ташкили раванди таҳсилоти фосилавӣ, таъмини барномаҳои иттилоотиро баён карда буданд.

Дар ҷаҳони рақамикунонии тамоми ҷанбаҳои фаъолияти инсон низоми иттилоотӣ нақши муассир дорад, зеро дар ҳошияи он тайёркунӣ ва аз нав тайёркунии кадрҳои корхонаю ташкилотҳо таъмин карда мешавад. Бинобар ҳамин таъмини самараноки амнияти иттилоотии таҳсилоти фосилавӣ баҳри густариши ин низоми таҳсилот зарур арзёбӣ карда мешавад. Муайян намудани воситаҳои инструменталии таъминоти самаранокии амнияти иттилоот дар раванди таҳсилоти фосилавӣ мубрамият ва саривақтии худро инъикос менамояд.

Бинобар гуфтаҳои боло, қайд кардан зарур аст, ки муҳиммияти мавзӯи диссертатсия бо афзоишёбии эҳтиёҷот ва муносибатҳои нав ба воситаҳои инструменталии самараноки таъминоти амнияти иттилоот дар таҳсилоти фосилавӣ, бо дарназардошти такомули воситаҳои таъминкунандаи амнияти иттилоот алоқаманд буда, мубрамият ва зарурати тадқиқоти илмии Абдуллоев Акмал Абдуҷаборовичро ифода менамоянд.

**3.Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, ки дар диссертатсия дарҷ гардидааст, натиҷаи таҳлили назариявӣ, методӣ ва амалии таълифоти сершумори илмӣ вобаста ба воситаҳои таъмини инструменталии амнияти иттилоот дар раванди таҳсилоти фосилавӣ дар мактабҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар нашриётҳои бонуфузи Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ чоп карда шудаас, Муқаррароти илмии диссертатсия

дар асоси ақидаҳои мухталифи олимон-иқтисодчиён доир ба воситаҳои инструменталии таъминоти амнияти иттилоот дар умум, ва махсусан дар раванди таҳсилоти фосилавӣ муайян карда шудаанд.

Шиносой бо матни диссертатсия нишон медиҳад, ки тадқиқоти гузаронидашуда дорои навгонии илмии муайян мебошад. Абдуллоев А.А. натиҷаҳои тадқиқоти илмии худро ба тариқи маърӯзаҳо дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ, ҳам дар хориҷи кишвар ва ҳам дар дохили кишвар манзур гардонида, мақолаҳои илмии худро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонидааст.

Мӯҳтавои илмии дар диссертатсия баён гардида, бо дарназардошти усулҳои муосири тадқиқоти илмӣ ифода ёфта, эътимоднокии тадқиқоти гузаронидашударо тавсиф менамояд. Хулоса ва пешниҳодҳои диссертант доир ба масъалаи воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар раванди таҳсилоти фосилавӣ дар асоси таҳқиқи таҷрибаи як қатор кишварҳои хориҷӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст. Бо истифода аз усулҳои мухталифи тадқиқоти иқтисодӣ, дар асоси дуруст муқаррар намудани предмет, объект, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот ба муаллиф имкон фароҳам овардааст, ки ба натиҷаҳои назаррасӣ илмӣ ноил гардад.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф барои истифодабарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, коллеҷҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ нигаронида шудааст. Натиҷаи таҳқиқоти ӯ имкон медиҳад, ки равандҳо ва натиҷаҳои фаъолияти низоми таҳсилоти фосилавӣ такомул ёбад. Усулҳо ва алгоритмҳои самаранокии низоми таъмини амнияти иттилоотӣ аҳамияти амалӣ доранд, ки барои такмили низоми таҳсилоти фосилавӣ равона карда шудаас. Натиҷаҳо ва муқаррароти дар таҳқиқот овардашуда барои баланд намудани самаранокии низоми таҳсилоти фосилавӣ бо истифода аз нишондиҳандаҳои самаранокии таълим бо дар назардошти беҳбуди сифати таълим ва афзоиши ҳаҷми тайёр кардани мутахассисон метавонад дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зимни омода намудани мутахассисони баландихтисос истифода шавад. Эътимоднокии муқаррароти илмии диссертатсия, хулосаҳо ва натиҷаҳои амалӣ, тавсияҳо бо асоснокӣ, таҳлил ва истифодаи моделҳои эконометрикии коркардшуда дар таъмини амнияти иттилоотӣ, ҳифзи иттилоот дар низоми таҳсилоти фосилавӣ дар мисоли МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» тасдиқ карда шудааст.

**4.Саҳеҳӣ ва навгонии илмии таҳқиқот ва натиҷаҳои гирифташуда.**

Натиҷаҳои назарраси илмии диссертатсия бевосита барои таҳия ва асосноккунии воситаи методӣ ва алгоритми баҳогузории самаранокии таъминоти амнияти иттилоот дар раванди таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нигаронида шудааст. Нуқтаҳои асосӣ ва назарраси диссертатсия, ки ҳамчун унсурҳои навгонии илмӣ баромад мекунанд, дар чунин муқаррарот ифода ёфтаанд:

- таснифи самтҳои татбиқи низоми таҳсилоти фосилавӣ, системаҳои амнияти иттилоотӣ оид ба таъмини амнияти иттилоотии ин низом муайян карда шуда, мушкилотҳои асосии мавҷудбуда гурӯҳбандӣ, ҷамъбаст ва ба тартиб дароварда шудааст;
- воситаҳои инструменталӣ ва амсилаи арзёбии самаранокии иқтисодии системаи амнияти иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ таҳия карда шуда, маҷмӯи талафоти эҳтимолии иқтисодӣ ба воситаи таҳияи модели махсус муайян карда шудаас;
- маҷмӯи нишондодҳо ва алгоритмҳои муайян намудани самаранокии таълим ва самаранокии иқтисодии фаъолияти низоми таҳсилоти фосилавӣ, таъмини амнияти иттилоотии он муқаррар карда шудаас, ки онҳоро муаллиф ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, муайян кардааст, ки самаранокии таҳсилоти фосилавӣ дар натиҷаи гузариш аз шакли анъанавии таълим ва таъмини амнияти иттилоотии ин раванд таъмин карда мешавад;
- амсилаи эконометрикӣ барои муайян намудани амнияти захираҳои иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ тавассути арзёбии эҳтимолии таҳдид таҳия карда шудаас;
- воситаҳои инструменталӣ ва алгоритми баҳогузории самаранокии иқтисодии системаи амнияти иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ муқаррар карда шуда, низоми таҳсилоти фосилавӣ дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» ба воситаи усулҳои мухталифи таълим, таъминоти барномавӣ ва системаи идоракунӣ, бо инфрасохтори шабакавӣ ва низоми амнияти иттилоотии дақиқ фаъолиятбаранда татбиқ карда шудаас;
- вобастагии амнияти объектҳои гуногуни низоми таҳсилоти фосилавӣ аз шумораи донишҷӯён ва воситаҳои амнияти иттилоотӣ муайян карда шудаас, ки мутобиқи он самаранокии низоми ҳифзи иттилоот вобаста аз шумораи истифодабарандагон ба таври назаррас коҳиш меёбад.

**5.Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот.**

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар инкишофи минбаъдаи назарияи амсиласозии иқтисодӣ ва математикӣ дар соҳаи таъминоти амнияти иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ, коркарди моделу алгоритмҳо дар

шароити иқтисоди рақамӣ, истифодаи эҳтимолии таҳдид дар ташаккули шабакаи компютерии корпоративӣ зоҳир мегардад. Аҳамияти амалии таҳқиқот барои истифодаи методология ва алгоритмҳои самаранокии амнияти иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ тавассути нишондиҳандаҳои самаранокии таълимӣ мебошад, ки баланд бардоштани сифати таълим ва афзоиши ҳаҷми муҳассилинро дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбӣ ба назар мегирад.

**6.Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**.

Эътимоднокии муқаррароти илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳо ва натиҷаҳои амалӣ, тавсияҳо бо асоснокӣ, таҳлил ва истифодаи моделҳои эконометрикии коркардшуда дар таъмини амнияти иттилоотӣ, ҳифзи иттилоот дар НТФ ва таҳияи САИ дар мисоли МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» тасдиқ карда шудааст.

**7.Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Муаллиф дар коркард ва татбиқи амсиласозии иқтисодӣ ва математикӣ дар соҳаи арзёбии самаранокии иқтисодии амнияти иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ саҳми муайян гузоштааст. Ҳангоми коркарди амсила барои арзёбии амнияти захираҳои иттилоотии НТФ ва НТФ бо САИ муаллиф баҳодиҳии амнияти иттилоотиро дар вобастагӣ аз объекти амнияти иттилоотӣ ва шумораи истифодабарандагон ба инобат гирифтааст. Намуди вобастагии хароҷоти таъмини амнияти иттилоотӣ ва бузургии хатари НТФ муайян шуда ва дар натиҷа тағйирёбии сатҳи хавф аз зиёд ё камшавии хароҷоти таъмини амнияти иттилоотӣ имконпазир гардидааст.

**8.Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Асарҳои интишоршудаи муаллиф, хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро инъикос менмоянд. Аз рӯи натиҷаи кори диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф 5 мақола дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ва 4 мақола дар дигар маҷаллаҳои илмӣ чоп карда шудааст. Интишороти муаллиф натиҷаҳои асосии диссертатсияро дар бар мегирад. Дар ҳамаи мақолаи илмии Абдуллоев А.А. мӯҳтавои тадқиқот ба таври лозима инъикос гардидааст.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) таҳия гардида, мазмуни асосии тадқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**9.Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.**

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсияи Абдуллоев А.А. бо дар назардошти мақсад ва вазифаҳои мукарраргардидаи таҳқиқот давомнокии мантиқиро фарогир буда, аз муқаддима, се боб, хулосаю пешниҳод ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Диссертатсия 5 ҷадвал, 8 расм ва 136 номгӯи адабиётро дар бар гирифта, матни он дар 167 саҳифаи компютерӣ баён карда шудааст.

**Дар муқаддима** ҳамчун анъана, муҳимияти мавзӯи тадқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши мавзӯъ бо ишора намудани олимони ватаниву хориҷӣ баррасӣ гардида, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян карда шуда, унсурҳои навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот, маълумот оид ба интишороти натиҷаҳои таҳқиқот ба таври муфассал оварда шудаас (с. 4-12).

**Дар боби якуми диссертатсия "Низоми таълими фосилавӣ ва зарурати арзёбии амнияти иттилоот"** сохтор ва навъҳои низоми таълими фосилавӣ, меъёрҳои арзёбии хатарҳо ва амният, усул ва алгоритмҳои амнияти иттилоот дар таълими фосилавӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаас. (с. 13-58).

Таҳқиқи сохтор ва навъҳои низоми таълими фосилавӣ ба муаллиф имкон фароҳам овардааст, ки оид ба мушкилоти дар ин соҳа вуҷуд дошта хулосаи дуруст барорад, ки онро муаллиф чунин ифода кардааст "аксари донишгоҳҳои ватанӣ ҳангоми ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунии раванди таълим бо нарасидани таъминоти барномавии мувофиқ, инчунин арзиши баланди қарорҳои автоматикунонии донишгоҳҳои дар бозор мавҷудбуда дучор меоянд". (с. 19). Ҷоиз ба таъкид аст, ки Абдуллоев А.А. дар асоси таҳқиқи сохтор ва навъҳои таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ватанӣ ва хориҷӣ модели консептуалии деканати электрониро пешниҳод намудааст. (расми 1.1.1., с. 21). Чунин муносибат имконият фароҳам овардааст, ки муаллиф хусусиятҳои деканати электрониро муайян намояд.

Докторант мутлақо дуруст қайд менамояд, ки "барои ҳалли мушкилоти амнияти байналмилалӣ дар соҳаи маориф ва фарҳанг низ ҳамкорӣ бояд ба роҳ монда шавад. Муҳим аст, ки намунаи ҳамкорӣ дар марҳилаҳои аввали ба даст овардани донишҳои нав баррасӣ карда шавад. Бояд ба назар гирифт, ки донишҷӯени имрӯзаи таълими рӯзона фардо ҷомеаи моро муаррифӣ менамояд. Ҳамин тариқ, талошҳои муштарак барои ташкили барномаҳо ва курсҳои байналмилалӣ қадамҳои аввалин дар роҳи ҳамкории байналмилалӣ ва таъсиси институтҳое мебошанд, ки бо масъалаҳои амният дар соҳаи иттилоот машғуланд". (с. 23).

Мавриди таҳқиқ қарор додани усул ва алгоритмҳои амнияти иттилоотӣ дар таҳсилоти фосилавӣ ба Абдуллоев А.А. имкон додааст, ки дар асоси муколамаи илмӣ хулосаи ҷолиброн баён намояд. Алалхусус ӯ қайд менамояд, ки "такмили НТФ тавассути ҷорӣ намудани як қатор дигар технологияҳои иттилоотӣ ба даст оварда мешавад. Яке аз онҳо виртуализатсияи раванди таълим аст. Таҳсилоти виртуалӣ аз системаи паҳншудаи коркарди иттилоот, технологияҳои коркарди иттилооти гурӯҳӣ ва нармафзор, муштарӣ - технологияҳои серверӣ, замимаҳои интернет-интранет, системаҳои истифодаи мултимедиявӣ, графикаи компютерӣ, видеоконфронс, пойгоҳҳои дониш, системаҳои экспертӣ, ки моделҳои компютерӣ дар онҳо асос ёфтаанд, курсҳои таълимӣ ва омӯзиширо истифода мебаранд". (с. 50-51). Бинобар ҳамин дар диссертатсия модели ташкили фазои ягонаи таълимӣ пешкаш карда мешавад, ки мантиқи он чунин аст: "моделҳо ва усулҳои ташкили системаҳои таҳсилоти фосилавӣ гуногунанд ва ҳамгироии моделҳо ва системаҳо дар фазои ягонаи таълимӣ муҳим буда аз рӯи хусусиятҳои техникӣ онҳоро ба се ҷузъ ҷудо кардан мумкин аст: 1. модели таълимӣ, барнома, муҳите, ки дар маҳал татбиқ карда мешавад ва барнома барои сатҳҳои дигари система мебошад; 2. системаи тақсимшудаи замимаҳои таълимӣ дар муҳити интернет; 3. дар муҳити интернет технологияи таълимии виртуалӣ пешбинӣ шудааст." (с. 51-52). Ҳамаи ин ба унвонҷӯ имкон фароҳам овардааст, ки хулосаи мантиқии худро доир ба масъалаи таҳиқшаванда чунин баён намояд: "раванди оптимизатсияи НТФ-и донишгоҳ бояд бо риояи қоидаҳои муайян сохта шавад: як қатор маҳдудиятҳо ба назар гирифта мешаванд, ки натиҷаи лоиҳакашӣ, энергетикӣ, истифодабарӣ ва дигар хусусиятҳои система мебошанд; ҳам имкониятҳои воқеии худи система ва ҳам имкониятҳои воқеии муҳити зист, ки дар он фаъолият мекунад, ба назар гирифта мешаванд; маҳдудиятҳо бо баробарӣ ва нобаробарӣ ё робитаҳои мантиқӣ тавсиф карда мешаванд". (с. 56-57).

**Боби дуюми диссертатсия "Амсиласозии арзёбии самаранокии амнияти иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ"** номгузорӣ карда шуда, дар доираи он нишондиҳандаҳои самаранокии амнияти иттилоотии таҳсилоти фосилавӣ, алгоритми муайян намудани нишондиҳандаҳои самаранокии таҳсилоти фосилавӣ ва амсилабандии самаранокии амнияти иттилоотии таълими фосилавӣ тадқиқ карда шудаас (с. 59-103).

Дар қисмати аввали боби мазкури диссертатсия муаллиф нишондиҳандаҳои самаранокии амнияти иттилоотии таҳсилоти фосилавиро мавриди тадқиқ қарор дода, хулосабарории дуруст карда, дар асоси он таснифоти нишондиҳандаҳои самаранокии низоми таҳсилоти фосилавиро пешкаш кардааст: "тавсия дода мешавад, ки нишондиҳандаҳои

самаранокии низоми таҳсилоти фосилавӣ, инчунин зерсистемаҳои он ба гурӯҳҳои зерини нишондиҳандаҳо тасниф карда шаванд: нишониҳандаи самараноки мақсаднок; нишондиҳандаи самараноки таълимӣ; нишондиҳандаҳои самараноки иқтисодӣ (интегралӣ ва инфиродӣ)". (с. 59). Дар ин росто унвонҷӯ меъёрҳои арзёбии самаранокии амнияти иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавиро бо дарназардошти таносуби вақти сарфшуда барои муайянсозии вайронкор барои бартараф кардани низоми муҳофизат ва давраи фаъолияти дороиҳои иттилоотии ҳифзшаванда муқаррар карда, модели эконометрикиро пешкаш кардааст. (с. 64-67).

Бо мақсади муайян намудани самаранокии таҳсилоти фосилавӣ, докторант, алгоритми нишондодҳои афзориро мавриди таҳлил қарор додааст, ки дар асоси он як қатор коэффитсиентҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, алалхусус коэффитсиенти коҳишёбии хароҷоти омодакунии мутахассисон аз рӯи ихтисосҳои дахлдор. (с. 71-77).

Барои муайян намудани самаранокии иқтисодии таҳия ва истифодабарии низоми амнияти иттилоотӣ аз тарафи муаллиф як қатор нишондодҳо пешниҳод карда шудаанд, ки ҷолиби диққат мебошанд. Дар асоси нишондодҳои пешниҳод шуда, Абдуллоев А.А. амсилаи иқтисодӣ-математикиро (2.43-2.75 с. 86-98) пешниҳод намудааст. Боиси қайд аст, ки истифодабарии амалии амсилаи иқтисодӣ-математикии пешниҳод шуда, таҳлили шуморавии таносуби байни хароҷоти таъминоти амнияти иттилоот ва хавфи низоми таҳсилоти фосилавӣ имконпазир мегардад.

**Дар боби сеюми диссертатсия, ки "Арзёбии самараноки иқтисодии ҳифзи иттилоотӣ"** унвон дорад, аз тарафи унвонҷӯ шабакаи компютерии МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" ва самаранокии ташкили таъмини амнияти ин шабака мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст (с. 104-145).

Дар боби сеюм аз тарафи муаллиф сохти шабакаи компютерии биноҳои таълимии МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров", синфхонаҳои компютерии факултетҳо дар доираи шабакаи корпоративии Донишгоҳ, инчунин сохтори шабакаи компютерии муассиса нишон дода шуда (расми 3.1.2. с. 105; расми 3.1.3. с. 106), дар асоси он таҷҳизотҳои лозима барои таъмини амнияти иттилоотии шабакаи компютерӣ дар шакли ҷадвал пешниҳод карда шудааст (ҷадвали 3.1.1. с. 108-109). Таҳлили фаъолияти шабакаи компютерии Донишгоҳ ба муаллиф имкон додааст, ки хулосаи дурустро оид ба фаъолияти он қайд намояд: "шабака имкон медиҳад, ки машваратҳои компютерӣ, новобаста аз ҷойгиршавии иштирокчиён ва дастрасӣ, ки онҳо ба пойгоҳи маҷмӯи додаҳои маълумотӣ таъмин гардад. Имкониятҳои истифодаи системаҳои мултимедиявӣ (графика, садо, видео) низ пурра имконпазир мебошад." (с. 112). Бо

баробари ин унвонҷӯ дар асоси таҳлили эмпирикии гузаронидашуда дуруст қайд менамояд, ки "масъалаҳои сохтори оптималии он дар шароити доимо инкишофёбандаи сохтор аз ҳисоби пайдоиши гиреҳҳои нав ва истифодаи воситаҳои нисбатан содда ва арзони идоракунӣ ва масир аз нуқтаи назари самаранок истифода бурдани маблағҳои сармоягузорӣ мавриди муҳокима қарор гирифтаанд, баррасӣ мешавад". (с. 123).

Бо мақсади ташкили самаранокии таъмини амнияти шабакаи компютерӣ Абдуллоев А.А. бо истифода аз усулҳои иқтисодӣ-математикӣ ва эконометрикӣ таҳлили ҳаматарафа гузаронида дуруст қайд мекунад, ки "барои самараноктар истифода бурдани иттилоот дар давоми давраи ҳаётии он, чунин тарзи паҳнкунии онро интихоб кардан лозим аст, ки дар он самараи истифодаи иттилоот бо назардошти оқибатҳои мусбат ва манфӣ ба арзиши ҳадди аксар расида бошад. Бо ин равиш, маҳдуд кардани паҳнкунии иттилоот ба як муддати муайян яке аз роҳҳои идоракунии захираи иттилоотии соҳибмулк бо мақсади ба даст овардани самараи ҳадди аксар аз истифодаи он иборат мебошад. Бояд ба назар гирифт, ки «арзёбии оқибатҳои мусбӣ ва манфии маҳдуд кардани паҳнкунии иттилоот мушкилоти зиёдеро ба миён меорад. Ин оқибатҳо дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти корхона зуҳур ёфта, дар миқёс ва воҳиди ченаки гуногун баҳо дода мешаванд". (с. 133-144).

Боиси таъкид аст, ки иҷрои воқеъии вазифаҳои аз тарафи унвонҷӯ Абдуллоев А.А. муқарраргардида метавонад ба такомули воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ мусоидат намояд.

Дар қисмати хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсия, аз тарафи унвонҷӯ хулосаҳои дақиқ ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба такомули воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ баён карда шудаанд, ки ҳамаи онҳо дар натиҷаи тадқиқоти назариявӣ ва эмпирикӣ ба даст оварда шуда, дорои арзиши илмӣ ва амалӣ мебошанд.

**10.Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович дар мавзуи "Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт), ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад.

**11.Эродҳо ва тавсияҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба мушоҳида мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Як миқдор корҳои илмии мухақиқон, ки дар рӯйхати адабиётҳо зикр гардидааст то давраи соли 2000-ум мувофиқ аст. Ба ҷойи онҳо агар маводҳои солҳои охир истифода мешуд сатҳи диссертатсия боз ҳам баландтар мегардид.

2. Дар боби дуюм амсилаи математикии арзёбии самаранокии амнияти иттилоотӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ муфассал арзёбӣ гардидааст, вале дар диссертатсия роҳҳои истифодаи амалии онҳо муфассал нишон дода нашудааст.

3. Дар матни диссертатсия ба миқдори зиёди манъбаҳои дар рӯйхати адабиётҳо зикр гардида иқтибос оварда шудааст. Беҳтар мешуд, агар саҳифаҳои иқтибос мушаххас инъикос мегардид.

4. Яке аз ҷузъҳои муҳимтарини тараққиёти ҷомеъа аз рақамикунонии иқтисодиёт вобастагӣ дорад. Хуб мешуд, ки агар муаллиф дар таҳқиқоти худ масъалаҳои раванди рақамикунониро дар таҳсилоти анъанавӣ ва таҳсилоти фосилавӣ мавриди муқоиса қарор медод.

5. Натиҷаи тадқиқоти муаллиф дар ду донишгоҳҳои олии шаҳри Хуҷанд мавриди истифода қарор дорад. Беҳтар мешуд, агар маълумотнома оид ба тадбиқи натиҷаи илмии дар диссертатсия ифодаёфта дар замима ҷойгир карда шавад.

6. Диссертатсия ва автореферат як қатор хатогиҳои имлогӣ дорад.

Камбудию норасогиҳои баён шуда, ба мӯҳтавои мусбати диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва хислати тавсиявӣ доранд. Бинобар ҳамин ҷоиз ба қайд аст, ки диссертатсияи Абдуллоев А.А. дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шудааст.

Муаллифи он, Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт мебошад.

**12.Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Бо ибрози чунин нуқтаи назар гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович дар мавзуи “Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсияи Абдуллоев Акмал Абдуҷабборович ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияи доктори фалсафа аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) мувофиқат намуда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисоди рақамӣ ва логистикаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (Протоколи №4/1 аз 25 ноябри соли 2023).

Дар ҷаласаи кафедра 10 нафар устодон иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 10 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Раиси ҷаласа:
н.и.ф.м., дотсенти кафедраи
иқтисоди рақамӣ ва логистикаи
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон Мирзоабдуғафуров К.И.

Ташхисгар:
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи
иқтисоди рақамӣ ва логистикаи
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон Ғафуров П.Ҷ.

Котиби ҷаласа:
н.и.и., дотсенти кафедраи
иқтисоди рақамӣ ва логистикаи
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон Воҳидов У.М.

Имзоҳои Мирзоабдуғафуров К.И.,
Ғафуров П.Ҷ., Воҳидов У.М. –ро
тасдиқ менамоям
Сардори ШК ва КМ ДДМИТ Шарипов У.А.
“28” XI 2023 с.

*Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, ДДМИТ*
*Тел./Fax.: (992 37) 231-02-01*
*E-Mail.: tgfeu@ tgfeu.tj*